# МАВҚЕЙ АДАБИЁТИ БАДЕӢ БАРОИ ТАРБИЯ НАМУДАНИ НАСЛИ НАВ РАС

**Абдусаторов Нодирбек Комилович**
*Донишҷӯйи донишкадаи педагогии Ӯзбекистон-Финландия*
*Факултети Таълими ибтидоӣ ва фанҳои иҷтимоӣ*
*равияи Таълими ибтидоӣ гурӯҳи 105*

**Аннотация:** *Дар ин мақола намунаҳо аз эҷодиёти адабиёти шифоҳӣ ва хатти пешкаш намуда, аз ҷиҳати аҳамиятнокӣ ва тарбиявӣ шарҳу эъзоҳ ва таъсири он дар замони ҳозираро равшан намуда аст.*

**Калимаҳои калидӣ:** *адабиёт, тарбия, бадеӣ, санъат, ривояд, афсона, ҳикоя, асар, лаҳҷа, суруд, тарона, тарбия, образ, халқ, эстетика ва фолклор .*

## BADIIY ADABIYOTNING YANGI AVLOD TARBIYASIDAGI O'RNI

**Аннотация***:* *Ushbu maqolada og'zaki va yozma adabiyotga oid misollar keltirilib, uning ahamiyati va tarbiyavi jihatidan hozirgi davrdagi ta'siri tasvirlangan.*

**Kalit so'zlar**: *adabiyot, ta'lim, san'at, afsona, hikoya, asar, sheva, qo'shiq, tarbiya, obraz, xalq, estetika va folklor.*

## THE POSITION OF ARTISTIC LITERATURE FOR THE EDUCATION OF THE NEW GENERATION

**Annotation**: *In this article, examples of the creation of oral and written literature are presented, and in terms of importance and education, it is explained, commented and influenced in the present time.*

**Key words:** *literature, art, narrator, myth, story, work, dialect, song, education, image, folk, aesthetics and folklore.*

## МУҚАДДИМА

Дар асосӣ омӯхтани таҷриба ва маводҳои ба мо омада расидаи эҷодкорони ҳамма давраҳо аз он ҷумла дар асарҳои Рӯдакӣ, Шайх Саъдӣ, Ҳофиз, Румӣ, Фирдавсӣ, Айнӣ, Лоиқ Шерали, Мирзо Турсунзода ва дигарҳо барои тарбия намудани шахс сухан гуфта, ба он таъват карда аст, ба чӣ андоза зарур будани ин масъаларо барои пешкаш кардан хоҳиш намудам. Асарҳои бадеӣ дар давоми зиндагии рангоранги инсон барои калидӣ қулф кушои дарҳои мушкилот он шуда хизмат намуданашро фаҳмондан ва омӯхтани мероси бойи адабии халқи худро мақсад кардан мебошад. Ин масъаларо барои пурра шарҳу эзоҳ додан аз маводҳои дар асарҳои намояндагони адабиёти классики ва муосири тоҷик кор фармуда шуда аст. Аз суханҳои ба тилло баробари мутафаккирон ҳиссиёти баланд ба вуҷуд овардани ба ҳар як ҷавон ифтихори худро дарк намуда, тарихи онҳоро омӯхтан вазифаи ҳар яки мо буданашро ба хотир овардан сайлу ҳаракат намудам.

## ҚИСМИ АСОСӢ

Адабиёти бадеӣ — ин образи бадеӣ, дар адабиёт ва санъат шакли инъикоси воқеият, манзараи конкрет ва мучтамеи ҳаёти инсон буда, дар партави идеали эстетикии санъаткор, бо ёрии таҳайюли бадеӣ офарида мешавад. Образи бадеӣ воситаи идрок, инъикос ва ифодаи эҳсосу афкор, кӯшишу ҳаяҷони санъаткор, тарзи тадқиқи ҳаёт аст. Адабиёти бадеӣ асосан ду навъ мешавад: а) адабиёти шифоҳӣ; б) адабиёти китобӣ. Дар ҷомеа аввал адабиёти шифоҳӣ, яъне фолклор замонҳое, ки ҳанӯз хат вуҷуд надошт, пайдо шуда буд. Одамон ғаму шодӣ, орзую омоли хешро даҳонӣ, бадоҳатан дар нақлу ривоятҳо, афсонаю асотирҳо, суруду таронаҳо баён мекарданд. Ин гуфтаҳо аз авлод ба авлод, аз насл ба насл, аз аср ба аср гузашта такмил меёфтанд ва оҳиста-оҳиста жанру намудҳои адабиёти шифоҳӣ шакл мегирифтанд. Баробари пайдоиши хат адабиёти китобӣ ҳам оғоз меёбад ва ашхоси босавод адабиёти шифоҳиро ҷамъ намуда ба шакли китоб омода месозанд. Бештари асарҳои халқӣ бо ҳамин роҳу восита то замони мо омада расидаанд. Адабиёти шифоҳӣ моли халқ аст. Яъне, соҳиби нақлу ривоят, афсона, суруду таронаҳо мову шумо ҳастем. Имрӯз низ халқ асар эҷод мекунад ва эҷодиёти онҳо дар маҷмуаҳои дастҷамъӣ ба табъ мерасанд. Адабиёти китобӣ эҷоди ашхоси муайянанд, ки дар замону макони мушаххас зиндагӣ карда, асар эҷод намудаанд. Масалан, устод Рӯдакиро гирем. Ӯ дар соли 858 ба дунё омада, соли 941 вафот кардааст. Ва ӯ қасидаи "Шикоят аз пирӣ", "Модари май" ва асарҳои дигарро офаридааст. Ин андешаро нисбати васеъ ва нақлу ривоят ва суруду таронаҳое, ки дар ҳаққи ӯ гуфта шудаанд, баён карда наметавонем. Зеро нақлу ривоят ва суруду таронаҳоро шахсони номаълум, яъне халқ эъҷодкардааст. Мардум дар эҷодиёти даҳонакиашон фикру зикр, муносибаташонро ба ҳодисаҳои зиндагӣ, воқеаҳои таърихӣ ифода намудаанд, меҳнату роҳати худро дар шакли бадеӣ ва тавассути образҳои бадеӣ ситоиш кардаанд

Адабиёти шифоҳӣ аз лиҳози забон ва тарзи баён ҳам аз адабиёти китобӣ фарқ мекунад. Забони асарҳои халқӣ сода, фаҳмо буда, мардум онро зуд қабул мекунанд. Ибораороӣ, истифодаи калимаю ибораҳои душворфаҳм ва бегона дар онҳо дида намешавад, вале дар адабиёти китобӣ зиёдтар ба назар мерасад. Дар забони асарҳои халқӣ лаҳҷаю шева бештар истифода мешавад. Ҳатто як афсонаи халқиро мардуми ноҳияҳои мухталиф бо лаҳҷаҳои хеш нақл мекунанд ва ҳангоми ҳикояи он ҳамон калимаю ибораҳои хоси маҳалли худро истифода мебаранд. Аз ин хотир агар ягон афсонаро намояндаи як маҳал ба мардуми маҳалли дигар нақл кунад, фаҳмидани забони он афсона барои мардуми дигар мушкил гардад.

Эҷодиёти даҳонӣ халқ барои тарбия намудани насли нав рас аҳамияти ба худ хос дорад. Аз он ҷумла кӯдак бори аввал забонро аз гаҳвора, аз модари алла сарой шунида ба дарк кардан шавқ мекунад. Бисёри асарҳои бадеии бузургон пайрави ба адабиёти шифоҳи мебошад, ки пояи асосии адабиёти китобиро маҳсули эҷоди халқи ташкил мекунад. Эҷодиёти шифоҳӣ ҳаргиз аз китобӣ аввал пайдо шуда бошад ҳам дар ҳоли ҳозир онҳоро аз якдигар боло гузоштан намешавад, чунки аз эҷодиёти рангорангӣ асарҳои бадеии насиҳат омез ва панду андарзҳои эҷодиёти даҳонӣ барои тарбия кардан ҷавонон мавқеӣ беқиёс дорад. Эҷоди даҳонии халк хусусияти миллӣ ва байналмилалӣ

дорад. Дар фолклори халқҳои гуногун баробари обуранги миллӣ ва хусусиятҳои фарққунанда сюжет ва ғояҳои ба ҳамдигар монанд дучор мешаванд.

Ба асарҳои Саъдӣ Шерозӣ нигоҳ кунем, он гоҳ барои тарбия заминаӣ аҳамиятнокӣ зарурӣ буданашро назар кардан метонем. Аз он ҷумла Саъдӣ дар асарҳои “Бӯстон ва Гулистон” аз тарбияи ахлоқи ва аҳамияти он сухан гуфта худро ҳамчун муаллими ахлоқ, ҳидоятгари дилсӯзу меҳрубон ва панддиҳанда барои мардум ҳисобидааст. Дар тарбияи ахлоқии Саъдӣ ду нуқтаи асоси мавриди эътибор аст. Нуқтаи аввал замони оғози тарбияи ахлоқи: Саъдӣ нафси инсониятро хуб мешиносад ва дар ин бора чунин мегӯяд: “Тарбияи ахлоқӣ аз замони кудаки шурӯъ карда шавад, чунки агар хулқи бад дар инсон қарор гирад ба осонтар наметавон онро пок сохт. Нуқтаи дуввум-ёри ҷустан аз дониён. Ӯ тарбияи ахлоқиро ба дониш устоз муносиб медонад ва чунин мегӯяд: “Мураббии ахлоқ пеш аз он,ки аҳли илму дониш бошад, бояд аҳли амали солез дурусткор ва хушрафтор низ бошад ва пеш аз тарбияи дигарон худро тарбияҳои дарсҳои тарбияҳои карда тавонад. Ба ҳар ҳол навиштаи Саъдӣ дар хати форс-тоҷик монанди ситораи бебаҳост. Хусусан боби 7- уми «Бӯстон» дар таъсири тарбияи номгузори шудааст, ки Саъдӣ дар он барои тарбияӣ ҷавонон масъалаҳои муҳимро баён кардааст. Чунони ки гуфтааст: Бачаи навомӯз бояд бо забони ширин бо таҳсин ва офаринтаълим дода шавад, ки шева таълим аз бархӯрди хашину сахтгири ва таҳдиди устод беҳтар аст. Мегӯяд, ки агар мисли Қорун сарватманд боши ҳам фарзандатро бо кор кардану захмат кашидан водор кун, ба ӯ пул мадеҳ ба ҷои пул додан ба вай ёд бедеҳ, ки бо дастранҷи худаш зиндагӣ кунад. Ба дастовардҳо ва сармочад такя накун, ки неъмати ин дунё ҳамегаги нест ва зуд аз даст хоҳад рафт қисаи пур аз симу зар тамом мешавад, вал қисаи инсони ҳунарманд ва кордон ҳеҷ гоҳ холи нахоҳад шуд. Эҷодиёти Саъдӣ намуна аз адабиёти бадеӣ буд ки мисол шавад. Дар адабиёти форс-тоҷик қариби шаш ҳазор нависандаву шоирони соҳиб девон эҷод намуда, қисми калони онҳо ба тарбия намудани ҷавонон сухар гуфтаанд.

## ХУЛОСА

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки таълиму тарбия як бахши муҳими ҳаёти инсон мебошад. Бо адабиёти бадеӣ ба тарзи омӯзонидани панду андарзҳо, ки барои фарқ намудани сиёҳу сафеди роҳи ҳаёт он хизмат намояд. Тарбияи фарзанд аввало аз оила оғоз меёбад, ки насиҳатномаҳои шоирон ва нависандагон воситаи асоси таълим ва тарбия бошад он вақт авлоди солим ва комилро ба камол мерасад. Ҳар як миллат ояндаи худро дар симои ҷавонони баркамол мебинад. Аз ин рӯ оиларо пояи асосии ҷомеа меноманд. Барои он ки кӯдак бо табиати пок ва бенуқсон ба дунё меояд. Ӯро оила худ ё бад дар асоси тарбияӣ медода мегардонад. Оила шахсияти кӯдакро такмил медиҳад ва зиндагӣ ояндаи ӯро мушаххас мекунад, ки барои он ҳам таълими дуруст аҳамияти муҳим дорад. Солҳои охир дар мамлакатамон барои солим ва баркамол ба воя расондани ҷавонон корҳои зиёде ба анҷом расида истодааст. Мо бояд аз имкониятҳои додашуда оқилона истифода барем ва дар ҷомеа ба ҷои муносиби худ соҳиб шавем.

## АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДА ШУДА:

1. Амонов Р.Очерки эҷодиёти даҳонакии аҳ. Кулоб, Д.1963;ҳамон муалл., Лирикаи халқии тоҷик, Д. 1968;

2. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик, Д.. 1980; Асрорӣ. В.. Фольклор, халқият, нависанда, Д., 1982;

3. Айнӣ С. Деҳотӣ А. Гулистони бехазон.//Шарқи сурх, 1956 № 6

4. Библиография тоҷик фольклористики (1872-1863),кит.1-2, Д:, 1979; Кулли-(1872-1863),кит.1-2,Д.1979;

5. Куллиёти фолклори тоҷик, ҷ. 1. М., 1981; ҷ-4, Д., 1986;

## САЙТҲОИ ИСТИФОДА ШУДА:

1. WWW.Wikipediya
2. WWW.TojiKon.Net
3. WWW.Kitobxon.com
4. WWW.Izar.tj